**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба автореферат ва диссертатсияи Маҳкамова Машҳура Раҳимовна таҳти унвони “Методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) дар мавзуи «Методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ»**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуну муҳтавои диссертатсияи унвонҷӯ Маҳкамова Машҳура Раҳимовна таҳти унвони “Методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ” ба бандҳои зерини шиносномаи илмии ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи омӯзишу парвариш мувофиқат мекунад:

банди 1 – коркарди барномаҳои омӯзишии навъҳо ва дараҷаҳои гуногун доир ба фанҳои омӯзишӣ барои муассисаҳои таълимии навъҳои гуногун дар низоми таҳсилоти асосӣ;

банди 2 - арзёбии самаранокии барномаҳои омӯзишӣ;

банди 3 - тарҳрезии муҳтаво, методҳо ва шаклҳои ташкилии омӯзиш дар шароити шаклтағйирдиҳӣ, иттилоотисозӣ ва ҷаҳонишавии равандҳои ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва таҳсилотӣ.

**Муҳимияти мавзуи *таҳқиқотии*** унвонҷӯй дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти илмии пешниҳодгардида ба яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳимтарини ислоҳоти соҳаи маориф – арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун воситаи баландбардории сифати таълим бахшида шудааст, зеро дар шароити муосири рушди таҳсилот, ки ба таълими босифат ва натиҷаовар такя мекунад, яке аз ҷанбаҳои калидии таълими муваффақона — арзёбии ташаккулдиҳанда мебошад. Он на танҳо ҳамчун ченаки фаҳмиш ва дониши хонандагон хизмат мекунад, балки ҳамчун воситаи такмили раванди таълим, рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва таҳлилии онҳо низ маҳсуб меёбад.

Хусусан дар синфҳои ибтидоӣ, ки заминаи асосии маърифати математикӣ гузошта мешавад, истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда аҳамияти ҳаётан муҳим дорад. Он ба хонанда кӯмак мекунад, ки раванди омӯзишро фаъолона ва мустақилона пайгирӣ намояд ва ба омӯзгор имконият медиҳад, ки таълимро мутобиқ ба сатҳи фаҳмиши ҳар як хонанда ба роҳ монад.

Навсозии мухтавои таълим ва гузариш ба модели таълими салоҳиятнокӣ тақозо менамояд, ки ба масъалаи таҳияи методикаи мукаммали арзёбии ташаккулдиҳанда, махсусан дар фанни математика барои синфҳои ибтидоӣ, аҳаммияти махсус зоҳир гардад. Худи диссертант низ дар таҳқиқоти хеш изҳор медорад, ки "Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки татбиқи муносибати босалоҳият раванди басо мураккаб буда, таҷдид ё мутобиқсозии ҷанбаҳои гуногуни раванди таълиму тарбияро тақозо мекунад. Дар доираи ислоҳоти мазкур якчанд ҷанбаҳо, аз ҷумла муайян кардани салоҳиятҳои хонандагон, методологияи татбиқи муносибати босалоҳият, роҳу воситаҳои расонидани ёрии методӣ ва дастрасӣ ба маҷмӯи маводи таълимиву методӣ то оғози татбиқи муносибати босалоҳият ба анҷом расонида шудаанд. Аммо дар баробари ин дастовардҳо таҷдиду мутобиқсозии яке аз ҷанбаҳои муҳим ва ҳамгирои раванди таълим – арзёбӣ то ба охир ба роҳ монда нашудааст ва он омӯзиш, таҳқиқ ва озмоишҳоро талаб менамояд." (саҳ.3-4)

Ин интихоб на танҳо бо зарурати амалии мактабҳои замонавӣ мувофиқ аст, балки ҷавобгӯи ниёзҳои стратегии низоми таълим дар самти тарбияи хонандаи фаъол, худомӯз ва қобили мулоҳиза мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти назариявӣ ва арзиши баланди амалӣ мебошад.

Таҳлили қисмати муқаддимавии кор далели он аст, ки дастгоҳи илмии диссертатсия тибқи талаботи муосир ба ин навъи фаъолияти илмӣ- таҳқиқотӣ тарҳрезӣ гардидааст, ки ин нишондиҳандаи шиносоии амиқи диссертант бо масъалаи мазкур аст. Аз ин ҷост, ки ӯ тавонистааст нуктаҳои назариявию методологиро дар диссертатсия бомавқеъ ва илман асоснок матраҳ намуда, онро мутобиқ ба талаботи имрӯзаи ташкилу гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мувофиқат намояд. З-ин рӯ, асосҳои методологӣ ва назариявии кори илмӣ- таҳқиқотии Маҳкамова М.Р. боварибахшу эътимодноканд.

**Навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** хеле муҳимм арзёбӣ мегардад, зеро дар кори мазкур масъалаҳои таҳлили илмии заминаҳои назариявӣ ва психологию педагогии арзёбии ташаккулдиҳанда дар омӯзиши математикаи синфҳои ибтидоӣ; таҳияи амсилаи рушди салоҳиятҳои касбии омӯзгорон дар масоили истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда коркард шуда, дар асоси он воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ мавриди истифода қарор дода шудааст; пешниҳоди низом ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда (критерияҳо, нишондиҳандаҳо, усулҳои ташхис), ки дар шароити синфҳои ибтидоӣ қобили татбиқ мебошанд; таҷрибаи мусбати озмоишӣ, ки таъсири арзёбии ташаккулдиҳандаро ба рушди тафаккури мантиқӣ, қобилияти ҳаллу

фасли масъалаҳои ҳисобӣ ва худфаъолиятии таълимии хонандагони синни хурди мактабӣ матраҳ гардидааст.

Ин ҳама нишондодҳо гувоҳи онанд, ки кори илмии мазкур на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки арзиши баланди амалӣ низ дорад.

Ҷанбаи навоваронаи диссертатсияи мазкур таҳқиқ ва таҳлили илмии нақши арзёбии ташаккулдиҳанда дар рушди дониш, маҳорату малакаҳо ҳамчун омили ташаккулёбии салоҳиятҳои таълимии фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ буда, он низоми таҳсилоти мактабиро бо асосҳои ташаккули фаъолнокии маърифатӣ ва такмили донишҳои методӣ оид ба таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ мукаммалу ғанӣ месозад.

Тазаккур мебояд, ки нуктаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда илман асоснок буда, бо назардошти муҳтавои объекту предмет ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқот тарҳрезӣ карда шудаанд. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида бо нуқтаи назари методологӣ таъмин карда шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Муаллифи диссертатсия мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқоташро муайян намуда, дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, педагогиву психологии мӯътамад таҳияву коркарди ҳамаҷонибаи кори илмии хешро бо назардошти асосҳои назариявию методологӣ ва хулосаву натиҷагирии илмӣ ба сомон расонидааст. Аҳамияти амалӣ ва татбиқии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода меёбад, ки онҳо метавонанд дар фаъолияти амалии омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, омодасозии барномаҳои такмили ихтисос, методикаи таълими ибтидоӣ ва инчунин дар таҳияи воситаҳои таълимӣ истифода шаванд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дорои бунёди устувори методологӣ буда, зимни коркарди он муаллиф пайгиронаву ҳадафмандона усулҳои тадқиқоти илмии муосирро корбаст намудааст. Бо риояи тартиби мантиқии марҳилаҳои тадқиқот диссертант аз маҷмӯи усулҳои анъанавӣ ва муосири пажӯҳиш, аз ҷумла таҳлили мундариҷа, мушоҳидаи педагогӣ, таҷрибаҳои амалӣ, сӯҳбату тестгузаронӣ ва таҳлили оморӣ истифода намуда, тавонистааст, ки фарзияҳои илмии худро бо далелҳои мушаххас собит намояд.

Дар раванди таҷрибаи педагогӣ самаранокии стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳандаи барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, методикаи кори пай дар пай оид ба ташаккули салоҳиятҳои математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва арзёбии он бо назардошти муносибати босалоҳият ва дигар шаклҳои ташвиқи фаъолияти фикрии хонандагон, ба таври возеҳ нишон дода шудаанд. Натиҷаҳои таҳлил ва санҷишҳои эмпирикии гузаронидаи диссертант

собит менамоянд, ки истифодаи стратегияҳои мазкур метавонад на танҳо сатҳи тафаккури мантиқиро баланд бардорад, балки муҳити равонии синфро низ фаъол ва мусоид гардонад.

Дар давраи таҳқиқот диссертант давра ба давра корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ гузаронида, натиҷаҳои илман асоснок ба даст овардааст. Меъёрҳо, методҳо, натиҷаҳои тасвиятшудаи арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ барои педагогҳо ва психологҳо низ ҷолиби диққатанд ва онҳоро зимни омодасозии омӯзгорони оянда дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва бозомӯзии омӯзгорон дар курсҳои такмили ихтисос истифода бурдан ба маврид аст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Маҳкамова М. Р. мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, ба теъдоди 8 номгӯй мақолаҳои илмӣ, ки аз он 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маводи конференсияҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Матлабҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, конференсияҳои илмию амалии донишкада, дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандони маориф, маводи такмили ихтисоси омӯзгорон баён гардидаанд. Ҳамчунин, муаллиф дар амалисозии лоиҳаҳои гуногун, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини ислоҳот дар соҳаи маориф баргузор намудааст, бевосита иштирок намуда, натиҷаи мушоҳидаву таҷрибаҳои амалии омӯзгорони минтақаҳои гуногуни ҷумҳуриро дар кори худ инъикос намудааст, ки ин қиммати амалии корро боз ҳам қавитару эътимодноктар месозад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи таҳиянамудаи унвонҷӯй Маҳкамова М.Р. ва автореферати он мутобиқ ба талаботи “Дастурамал дар бораи тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо” ва банди 54-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26- уми июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, матраҳ гардидааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва хулосаву тавсияҳо аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, матни диссертатсияву фишурдаи он ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалу

диаграммаҳо таъмин аст ва тибқи талаботи дастурамали болоӣ созмон дода шудааст.

Диссертатсия бо лаҳни равони тоҷикӣ, фаҳмову босаводона навишта шуда, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ дар тартиби таҳияву ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб хулосаҳои возеҳу мукаммал ва асоснок бароварда шудааст. Он дар ҳаҷми 173 саҳифа таҳия шуда, аз муқаддима, ду боби ҳар кадомаш аз 3 зербоб ташкилёфта, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш ва навгонии илмии он асоснок гардида, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида, инчунин татбиқи натиҷаҳо дарҷ гардидааст.

Боби якум таҳти унвони «Назария ва амалияи омузиши фанни математикаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити татбиқи навъҳои гуногуни арзёбӣ» ба таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши математика дар синфҳои ибтидоӣ бахшида шуда, дар он моҳияти муносибатҳои муосир ба таълим ва арзёбии фаъолияти таълимии хонандагон таҳлил гардидааст. Муаллиф зарурати истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда ва омӯзишро ҳамчун омили такмили раванди таълими фанни математика муфассал асоснок карда, бар он назар аст, ки "Дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, махсусан синфҳои ибтидоӣ баргузор намудани таҳлили сифатӣ, фикру мулоҳизаҳо оид ба натиҷаҳои арзёбӣ ва робитаи мутақобила бо хонандагон дар бораи натиҷаҳои арзёбӣ тавассути мубодила ва банақшагирии қадамҳои баъдӣ муҳим аст. Аз ин рӯ, барои ҳалли ин масъалаҳо намудҳои нави арзёбӣ имкон медиҳад ва методологияи он назар ба навъҳои дигари арзёбӣ самарабахштар аст. Махсусан, методологияи арзёбии омӯзиш, зеро саволҳо барои он тарзе таҳия мешаванд, ки хонандагон тавонанд вазъи феълии омӯзиш, потенсиали худ ва умқи омӯзишро нишон диҳанд. Ҳар саволи арзёбии омӯзиш (ва ҷузъҳои дохилии он, унсурҳои миқёспазир дар ҳар савол) бо салоҳиятҳое муқоиса карда мешаванд, ки аз стандарти фан гирифта шудаанд. Ба андешаҳои мавриди назар «Таксономияи мақсадҳои таълимӣ»-и Бенҷамин Блум ба сифати яке аз назарияҳои тасдиқкунандаи таҳияи саволҳо барои арзёбии омӯзиш буда метавонад." (саҳ.71-72)

Ҳамзамон, дар боби мазкур, вазъи кунунии татбиқи усулҳои арзёбӣ дар амалиёти таълимии синфҳои ибтидоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Методикаи амалисозии раванди истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда дар таълим ва омӯзиши фанни

математикаи синфҳои ибтидоӣ» хусусияти таҳлилию таҷрибавӣ дошта, методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи воситаҳои муосири таълимӣ, усулҳои педагогӣ ва усулҳои мониторинги натиҷаҳои таълим тахия ва озмуда шудааст. Муаллиф амсилаи ба низомдаровардашударо пешниҳод менамояд, ки дар он принсипҳои арзёбии доимӣ, мусбатандешӣ, хударзишдиҳӣ ва мушоҳидаи пайваста ҷой доранд.

### Ҷанбаҳои баҳсталаб ва пешниҳодҳо доир ба диссертатсия

Диссертатсияи пешниҳодшуда таҳқиқоти ҷиддӣ ва муҳими илмиро дар бар мегирад, вале ба андешаи мо як қатор маҳдудиятҳову норасоиҳо дида мешаванд, ки бартарафсозии онҳо метавонад ба такмили минбаъдаи таҳқиқот мусоидат намояд:

1. Хуб мешавад, агар дар диссертатсия таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар самти арзёбии ташаккулдиҳанда муфассалтар баррасӣ гардида, роҳу усулҳои мувофиқоварии онҳо бо педагогикаи миллӣ баррасӣ гарданд.

2.Ба андешаи мо дар таҳқиқот масъалаи таъсири арзёбии ташаккулдиҳанда ба ҳолати равонӣ ва эмотсионалии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври кофӣ таҳлил нашудааст. Ин ҷанба метавонад барои муайян намудани устувории методика аҳамияти калидӣ дошта бошад.

3.Татбиқи амалии методикаи пешниҳодшуда метавонад ба як қатор мушкилот ба монанди омодагии нокифояи омӯзгорон, маҳдудияти вақт дар ҷараёни дарс ва набудани захираҳои дидактикӣ рӯ ба рӯ шавад.

4. Дар диссертатсия ва автореферати дар баъзе ҳолатҳо ғалатҳои китобату имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Зикр намудан бомаврид аст, ки эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба арзиши баланди илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

### Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия

1.Диссертатсияи Маҳкамова Машҳура Раҳимовна, ки ба масъалаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст, як таҳқиқоти мустақилона анҷомдодашудаи мукаммал ва муҳими илмӣ мебошад.

2.Мавзӯъ дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ ва навовариҳои илмӣ буда, диссертант тавонистааст, ки ҳадаф ва вазифаҳои илмии худро дар сатҳи баланди академикӣ иҷро намояд.

3.Диссертатсияву автореферат ва мақолаҳи илмии чопнамудаи муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ҷавобгуй мебошад.

4.Таҳқиқоти диссертатсионии Маҳкамова Машҳура Раҳимовна дар мавзӯи ***"Методикаи амалисозии арзёбии ташаккулдиҳанда дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ"*** кори илмии бaанҷомрасидаи тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 ва бо тағйироту иловаҳо аз 26.06.2023 таҳти №295 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.02 - Назария ва методикаи таълими фанҳои математикӣ (таҳсилоти умумӣ)) мебошад.

Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи табиӣ-риёзӣ, тарбияи эстетикӣ ва методикаи таълими МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ___________ Рабиев Сатторбердӣ Мавлонович

07.10.2025

**Маълумот барои тамос:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1; Тел: +992 92 644 31 60, E-mail: rabiev0512@mail/ru,

*"Имзои С.М.Рабиевро тасдиқ мекунам"*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода Заррина Сайдулло